# 19-умин давраи «Озмуни наттоқони забони ҷопонӣ» дар Тоҷикистон








14/03/2025

14 март дар Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе «19-умин озмуни наттоқони забони ҷопонӣ дар Тоҷикистон» баргузор гардид. Озмун аз ҷониби Сафорати Ҷопон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи омӯзгорони забони ҷопонӣ дар Тоҷикистон бо ҳамкории Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон ва дастгирии дафтари JICA дар Тоҷикистон, баргузор гардид.

Дар маросими ифтитоҳӣ Сафири фавқулодда ва мухтори Ҷопон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хонум Фурута Кейко аҳамияти ин озмун барои рушди фаҳмидани мутақобила ва муносибатҳои

дӯстона байни мардуми Ҷопон ва Тоҷикистон таъкид намуд ва ба ҳамаи иштирокчиён барои баромадҳояшон муваффақият таманно кард. Муовини якуми ректор оид ба корҳои таълимии Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон хонум Абдулаева Миниса, дар навбати худ, таъкид кард, ки мақсади озмун ин рушд ва такмили ақлӣ, эҷодӣ ва эстетикии донишҷӯён тавассути гирифтани малакаҳои суханронӣ дар ҷамъ, инчунин ба иштирокчиён барори кор, шодии ва ғалаба таманно кард.
Дар озмун 20 иштирокчӣ маҳоратҳои худро намоиш доданд, ки дар байни онҳо донишҷӯёни Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон, Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода (ТМУИЯ), мактаби-интернати «Хотам ва П.В.» ва Маркази забони ҷопонӣ ва фарҳанги "Кокоро" буданд. Дар ин чорабинӣ зиёда аз 100 нафар, аз ҷумла шахрвандони Ҷопон дар Тоҷикистон ширкат доштанд.

Бар асоси натиҷаҳои озмун аъзои ҳакамон сертификатҳо ва ҷоизаҳоро ба иштирокчиёни зерин супурданд:

**Зинаи болоӣ**

Ҷойи аввал: Яковлев Санҷар (донишҷӯи ТМУИЯ)
Ҷойи дуюм: Шарипова Малика (донишҷӯйи ТМУИЯ)
Ҷойи сеюм: Ғаюриён Муҳаммадризо (донишҷӯи ТМУИЯ)
Ҷоизаи махсус: Собирова Гуҳарез (донишҷӯйи ТМУИЯ)

**Даври ибтидоӣ – азхудкунӣ**

Ҷойи аввал: Хабиева Риана (донишҷӯи КОКОРО)
Ҷойи дуюм: Сабзалиева Шукрона (донишҷӯйи ТМУИЯ)
Ҷойи сеюм: Қурбонов Тимурбек (донишҷӯи КОКОРО)
Ҷоизаи махсус: Ғаюров Умар (мактабхон аз "Хотам ва П.В.")

Иштирокчиёни ҷойҳои аввал ва дуюм аз зинаи болоӣ дар мусобиқаи наттоқони забони ҷопонии Осиёи Марказӣ, ки дар моҳи май дар шаҳри Алмато, Қазоқистон баргузор мешавад, иштирок хоҳанд кард.

# Зинаи болоӣ

**Ҷойи аввал:**
Яковлев Санҷар



**Ҷойи дуюм:**
Шарипова Малика




**Ҷойи сеюм:**
Ғаюриён Муҳаммадризо



**Ҷоизаи махсус:**
Собирова Гуҳарез



**Даври ибтидоӣ – азхудкунӣ**

**Ҷойи аввал:**
Хабиева Риана




**Ҷойи дуюм:**
Сабзалиева Шукрона




**Ҷойи сеюм:**
Қурбонов Тимурбек




**Ҷоизаи махсус:**
Ғаюров Умар

